# Ирмиё, марди гиряҳо



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Jonathan Hay
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Mary-Anne S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Ирмиё дар хонаводаи диндор, дар шоҳигарии Яҳудо таваллуд шуда буд.  Падари вай Ҳилқиё коҳин буд.  Ин хонавода дар шаҳраки Анотут, на он қадар дур аз Уршалим зиндагӣ мекарданд.  Шояд волидони Ирмиё фикр мекарданд, ки писарашон низ коҳин мешавад.  Аммо Худо нақшаҳои дигар дошт.





Дар замони таваллуди Ирмиё, халқи Худо мувофиқи Каломи Худо зиндагӣ намекарданд. Қариб ҳама, аз шоҳ сар карда то коргари одитарин, ҳатто дар маъбади муқаддаси Худо худоёни дурӯғинро парастиш мекарданд.



Ҳангоме ки
Ирмиё ҷавон
буд, Худо ба
вай гап зад: “Ман туро
пеш аз таваллудат мешинохтам” ва “қарор
кардам, ки ту ба ҷойи Ман сухан меронӣ”.

Ба назар мерасид, ки даъвати Худо Ирмиёро тарсонд. Ӯ фарёд кард: “Эй Худованд, Худо! Ман гап зада наметавонам, чунки кӯдак ҳастам”. Ирмиё бештар аз кӯдак буд. Ӯ бистсола буд.



Аммо Ирмиё фикр накард, ки ӯ барои Худо, бар зидди бадкориҳое ки дар гирду атрофаш ҳастанд, гап зада метавонад.



"Натарс! Ба ҳар ҷое ки мефиристам, бирав ва ҳар чизе ки ба ту мефармоям, бигӯй. Ман ҳамроҳи ту ҳастам ва туро наҷот медиҳам" — Худо

Ирмиёро бовар кунонд. Баъд Худо як кори махсус кард. Ӯ ба даҳони Ирмиё расид.

Худо ба Ирмиё қуввату далерӣ ва хирад дод.  Ӯ далерона сухан ронда, ба одамон ёдрас мекард, ки Худо онҳоро дӯст медорад ва мехоҳад, ки ба онҳо ёрӣ диҳад.  Вале касе ба вай гӯш надод, ҳатто подшоҳ ҳам!



Ҳатто коҳинон ба ғазаб омада, ба вай мегуфтанд, ки дар бораи Худо гап заданро бас кунад.  Ҳамчунин пайғамбарони дурӯғине буданд, ки “Ирмиё гапи рост намегӯяд” мегуфтанд.



Ирмиё ба одамон хотиррасон намуд, ки тақрибан садҳо сол пеш, шоҳигарии шимолии Исроил аз Худо рӯй гардонд.  Баъд душманони онҳо, ашшуриён онҳоро мағлуб карда, тамоми исроилиёнро ба мамлакатҳои дур бурданд.





Акнун мардуми Яҳудо, яъне шоҳигарии ҷанубӣ аз Худо рӯй гардонда буд. Лашкари душманон аллакай дар раҳ буданд. Оё Худо мегузорад, ки халқашро мағлуб карда, онҳоро ҳам ба асирӣ баранд?

Мардум ба бутҳои худ бовар мекарданд. Оё бутҳо онҳоро аз душманонашон халос карда метавонанд? Албатта не! Танҳо Худо онҳоро наҷот дода метавонист. Одамон аз Ирмиё сахт ба хашм омада, қасд карданд, ки вайро мекушанд. Аммо Худо бандаашро муҳофизат намуд.



Дар охир Худо чизе гуфт, ки ин Ирмиёро бояд ба ҳайрат оварда бошад.  Худо гуфт: “Барои ин халқ дуо накун. Вақте ки онҳо барои ёрӣ Маро фарёд мекунанд, Ман онҳоро нахоҳам шунид”.



Ирмиё шоҳро огоҳӣ дод, ки вай ҷангро бо лашкари Бобил бой медиҳад.  Шоҳ хашмгин шуда, Ирмиёро ба зиндон андохт.  Ирмиё ҳатто дар зиндон мавъиза кардану ба Худо бовар намуданро давом медод.





Баъди аз зиндон баромадан, Ирмиё боз ба шоҳу одамон мавъиза мекард, ки онҳо бояд ба сӯйи Худо бозгашта, ба Ӯ бовар кунанд. Ин дафъа, шоҳ Ирмиёро ба зиндони чуқури серлой андохт.

Аммо Худо дар дили шоҳ кор мекард. Дар натиҷа шоҳ пинҳонӣ Ирмиёро халос карда, аз вай пурсид, ки Худо чӣ мехоҳад, ки онро иҷро кунад. “Ба асирӣ рав ва Худо мегӯяд, ки ту зинда хоҳӣ монд” — гуфт Ирмиё.



Лашкари Бобил Уршалиму дигар шаҳрҳои Яҳудоро забт карданд. Онҳо деворҳову биноҳоро вайрон карда, ҳама чизро оташ заданд. Худо гуфт, ки халқаш ҳафтод сол ба асирӣ хоҳанд рафт ва баъд Ӯ онҳоро ба замини



ваъдашуда бармегардонад.

# Ирмиё, марди гиряҳо

Ҳикоя аз Каломи Худо

Ирмиё

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”.  Забур 119:130

Хотима

І 28

И 60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16